ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Собирзода Сайёд Рамазон дар мавзуи «Таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991 – 2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

Омӯзиши таърихи пайдоиш ва таҳаввули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои мутахассисони соҳаи таърих аҳаммияти бузург дошта, аз ҷиҳати методологӣ, тарбиявӣ ва илмӣ ҳамаҷониба муфид ва пандомӯз аст. Барои мутахассиси муосир на танҳо аз худ кардани ҳаводису воқеаҳо муҳим аст ва ӯ бояд равандҳои мураккаби бунёди ниҳодҳои давлатиро низ дарк намояд. Омӯзиши таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шароити бӯҳрони шадиди сохторӣ ва набудани заминаҳо чӣ гуна пояи амнияти давлат гузошта шуд. Таърихи ҳарбии муосири Тоҷикистон як озмоишгоҳи беназири таҳлилӣ мебошад. Мутахассиси соҳаи таърих ва афсарони ояндаи Қувваҳои Мусаллаҳ бо омӯзиши ин марҳала бояд дарк намоянд, ки равандҳои мураккаби дохилимиллӣ, омилҳои геополитикии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба тақдири як кишвар чӣ гуна таъсир мерасонанд. Ин омӯзиш тафаккури интиқодӣ ва малакаи таҳлили системавии онҳоро сайқал медиҳад.

Диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон бо ихтисоси илмии интихобнамудааш мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Таҳқиқу баррасии мавзуи «Таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2021)» дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ба тамоюли муҳимми илмӣ мубаддал гардидааст. Аммо, то ҳол ин масъала дар асоси манбаъҳои баэътимод ба таври амиқ мавриди таҳқиқ

қарор нагирифтааст. Танҳо доир ба паҳлуҳои алоҳидаи он китобҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмию оммавӣ таълиф гардидаанд.

Диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон аз қабили рисолаҳое мебошад, ки дар он ба таври амиқ масоили мубрами таърихи таъсис ва ташаккули Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ кӯшиш намудааст, ки маҳз ба масъалаи таъсис ва ташаккули Қуввахои Мусаллаҳ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд, зеро ин як саҳифаи қаҳрамононаи таърихи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар таърихи давлатдории ҷаҳон кам мисолҳое мавҷуданд, ки дар шароити густариши ҷанги шаҳрвандӣ, бекурбшавии пул, фалачии комили иқтисодиёт ва муҳоҷирати иҷбории аҳолӣ тавониста бошад ниҳодҳои ҳарбии худро аз сифр созмон диҳад.

Диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон таҳқиқи тозае дар илми таърихшиносии тоҷик ба шумор рафта, бори аввал бо чунин вусъат ва густардагии таҳқиқ ба анҷом расидааст. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (225 номгӯй) иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия – «**Истиқлолияти давлатӣ ва шароити таърихии таъсиси Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991–2000)**» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал «Заминаҳои ташкилёбии Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991–1992)» мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, маълум шудааст, ки давраи солҳои 1991–2000 дар таърихи давлатдории навини Тоҷикистон ҳамчун марҳилаи тақдирсоз, пурпечутоб ва ҳамзамон қаҳрамонона эътироф шудааст. Ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ (9–уми сентябри соли 1991) барои мардуми тоҷик орзуи деринаи асрҳо буд, аммо дар баробари ин, кишвар ба гирдоби мураккаби геополитикӣ ва бӯҳрони шадиди сиёсиву иҷтимоӣ ворид гардид. Ташаккули Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра як қатор хусусиятҳои хос ва шароити таърихии худро дошт, ки муҳимтарини онҳо аз даст додани мероси низомӣ ва гирифтории ҷумҳурӣ ба

ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ буд. Дар марҳалаи аввал заминаи ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳ на дар асоси имконоти мувофиқ, балки дар асоси қисму воҳидҳои мусаллаҳи «Фронти халқӣ» гузошта шуд.

Дар зербоби 2-юми боби якум масъалаи **«Нақши таърихии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** баррасӣ гардида, муаллиф дар зербоби мазкур ташкилёбӣ ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайванду алоқаманд медонад. Дар воқеъ, нақши ин шахсияти таърихӣ дар бунёди Артиши миллӣ на танҳо аҳаммияти баланди сиёсӣ дорад, балки наҷотбахш ва бунёдкорона аст. Маҳз бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 18 декабри соли 1992 Фармон «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расид. Ин ҳуҷҷат асоси ҳуқуқии бунёди артиши миллиро дар шароите гузошт, ки кишвар ҳанӯз дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ буд.

Боби дуюми диссертатсия–«**Такмили сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рисолати таърихии он дар замони истиқлолият (1993–2021)** ном дорад ва аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Дар зербоби якум «Ташкилёбии Қӯшунҳои хушкигард ва марҳалаҳои ташаккули он» баррасӣ шуда, муқаққиқ қайд менамояд, ки ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби воқеаҳои давраи ҷанги шаҳрвандӣ, ки кишвари моро фаро гирифта буд, бо мушкилот рӯ ба рӯ шуд. Аммо дар чунин шароити бисёр ҳасос «Шоҳсутуни Артиши миллӣ»–Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳ ташкил ёфта, дар ташаккули худ ду марҳаларо паси сар намудааст. Ҳайати шахсии Қӯшунҳои хушкигард бо ҷасорат ва корнамоиҳои ибратомӯзи худ ба ҷузъу томҳои дигари Қувваҳои Мусаллаҳ замина гузошт.

Дар зербоби дуюми боби 2-юми диссертатсия - «Зарурати ташкилёбии Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал ва

ҷузъу томҳои алоҳидаи Қуввaҳои Мусаллаҳ» таҳлил гардидааст. Диссертант муътақид бар он назар аст, ки дар шарити ногувори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ вазъи нобасомони интиқоли хизматчиёни ҳарбӣ, яроқу аслиҳа ва лавозимоти ҷангии ҷузъу томҳо ба маҳалли задухӯрд, нақши ҳалкунанда доштани Қуввaҳои ҳарбӣ–ҳавоиро собит сохт ва роҳбарияти олии кишварро ба он водор намуд, ки дар ҳайати Қуввaҳои Мусаллаҳ боз навъи алоҳидаи қӯшун–Қуввaҳои ҳарбии ҳавоиро ташкил намоянд, ки минбаъд ҳайати шахсии он дар рафти зиёда аз 60 амалиёти ҷангӣ иштирок намуд.

2–юми августи соли 1998 бо фуруд омадани дастаи десантчиёни ҳавоӣ ба маркази таълимии «Фахробод» яке аз сохторҳои муҳимми Қуввaҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, зодаи даврони истиқлоли кишварамон ва сипари боэътимоди давлатдории навини тоҷикон ба ташкилёбии навъи сеюми қӯшун дар ҳайати Қуввaҳои Мусаллаҳ – Қӯшунҳои зудамал замина гузошт.

Маҳз бо маҳорату кордонӣ ва ватандӯстии Сарфармондеҳи Олии Қуввaҳои Мусаллаҳ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи сентябри соли 2003 Қуввaҳои зудамал–ҷавонтарин навъи Қуввaҳои мусаллаҳ ташкил ёфт. Ба ҳайати ин навъи қӯшун қисмҳои интизомии тайиноти махсус, ҳамлавари десантию зарбавӣ, тирандозии кӯҳӣ як қатор ҷузъу томҳои фаврӣ шомил мебошанд. Ин раванди таърихӣ дар диссертатсия бо истифода аз сарчашмаҳои муътамад равшану возеҳ таҳлил шудааст.

Унвончӯ бар он аст, ки “мақсади бунёди Қӯшунҳои зудамал ҷорӣ намудани усулҳои нави омодагӣ бар зидди гурӯҳҳои террористӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва боз ҳам сайқал додани маҳоратҳои ҷангии Қуввaҳои Мусаллаҳ” буд ва онро амалӣ сохт.

Боби сеюми диссертатсия – **«Таҳкими Қуввaҳои Мусаллаҳ ва таъсиси муассисаҳои таълимии ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Зербоби якуми боби сеюм – **«Таҳким ва рушди Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони кунунӣ»** номгузорӣ гардида, масоили

таъғирот, рушд ва комёбиҳои Қуввахои Мусаллах мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳким ва рушди Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони кунунӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ва стратегии сиёсати давлатӣ маҳсуб мешавад. Дар шароити печидаи муосир ва тағйирёбии босуръати вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон, Тоҷикистон ба ҳайси як давлати соҳибистиқлол барои баланд бардоштани иқтидори мудофиавии худ чорахои пайваста меандешад. Самти муҳими рушди Қуввахои Мусаллах ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, такмили омӯзиши афсарон, машқҳои мунтазам, такмили низоми фармондеҳӣ ва назорати қӯшунҳо мебошад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм - **«Низоми омодасозии кадрхо ва тарбияи ватандӯстӣ дар Қуввахои Мусаллах»** масоили алоқаманд ба нақш ва мақоми муассисахои таълимии ҳарбӣ дар замони соҳибистиқлолӣ баррасӣ шудааст. Диссертант қайд менамояд, ки дар заминаи таъсиси муассисахои таълимии ҳарбӣ омодасозии кадрҳо ба ду даҳсолаи охири давраи соҳибистиқлолӣ алоқаманд буда, имконият фароҳам овард, ки дар ҳайати кадрии ҷузъу томҳои Қуввахои Мусаллах ислоҳоти муҳимми таъсирбахш роҳандозӣ гардад. Тадбирҳои андешидаи Ҳукумат ҷиҳати рушд ва инкишофи омодасозии кадрҳо дар муассисахои таълимии ҳарбӣ ба он боис гардид, ки ҳайати кадрии Қуввахои Мусаллах таъмин шавад.

Нуктаи қобили таъкид он аст, ки таҳқиқ дар ин самт бо натиҷагириҳои мушаххаси унвончӯ дар поёни ҳар зерфасл шарҳи худро ёфтааст, ки баррасиҳои дақиқ ва амиқи ӯро бозгӯ мекунад.

Натиҷаи илмии маҳсули таҳқиқи муаллифи рисола дар хулосаи диссертатсия баён гардидаанд, ки онҳо ҳамагӣ аз доманаи васеи баррасиҳои анҷомдода ва таҳқиқи шоистаи ӯ дарак медиҳанд. Феҳристи адабиёти истифодашудаи диссертатсия низ мутобиқ ба талаботи таҳияи он омода гардида, муҳимтарин сарчашмаҳо ва адабиёти таҳқиқӣ ба он ворид шудаанд. Зикри манобеи муҳимми илмӣ: сарчашмаҳо, адабиёти илмии зарур, асноди бойгонӣ ва ҳуқуқӣ аз он дарак медиҳад, ки унвончӯ доир ба

мавзуи таҳқиқиқотии хеш мутолиаи фарох намуда, барои анҷоми он аз муҳимтарин пажуҳишҳо босамар истифода кардааст.

Дар баробари чунин арзишҳои муҳимми илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки бартараф намудан ва ё ба эътибор гирифтани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар кор диссертант аз маводи бойгонӣ нисбатан камтар истифода намудааст.

2. Хуб мешуд ҳамаи хазинаҳо, парвандаҳо, ки истифода бурда шудаанд, дар кор нишон дода мешуданд;

3. Дар диссертатсия ҳарчанд аз асарҳои ёддоштӣ истифода шудааст, аммо хеле кам аст. Хуб мешуд, ки ахбори онҳо баррасӣ мегардид. Ҳамзамон, ин асарҳо дар рӯйхати адабиёт бояд аз асарҳои илмӣ ҷудо оварда мешуд.

4. Дар рисола баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки бартараф намудани онҳо арзиши рисоларо боз ҳам боло мебарад. Албатта, эродҳои зикршуда ҷузъӣ буда, сифати рисоларо коста намегардонанд.

Диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон дар мавзӯи «Таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991–2021)» таҳқиқи мукаммал дар бораи таърихи ташкилёбӣ ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ буда, бо шеваи матлуби илмӣ ва истифодаи сарчашмаҳои зарурию осори пажуҳишӣ ба қалам омадааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки баррасиҳои илмӣ ва хулосаҳои муаллиф роҷеъ ба таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва бо асосҳои таърихнигорӣ таҳия гардида, барои ғанӣ гардидани маводи илмии соҳаи илмҳои таърих мусоидат менамояд. Инчунин, муаллиф дар заминаи таҳлилҳои илмӣ–назариявӣ, мутобиқ бо натиҷагириҳо. хулосагириҳои амалии донишҳои илмии соҳа бо мақсади баррасии ҳаёти

иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ тавсияҳои амалии худро манзур намудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 номгӯй таълифоти илмии муаллиф, аз ҷумла 6-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, инчунин диссертант дар конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ баромад намудааст. Муаллиф борҳо дар семинарҳои илмӣ натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар шакли маърӯза ироа намудааст.

Хулоса, диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон дар мавзуи «Таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991 – 2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Собирзода Сайёд Рамазон муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои таърих,
дотсент, ходими пешбари шуъбаи
таърихи навтарини Институти
таърихи ба номи Аҳмади Дониши АМИТ Ғафуров А.М.

Имзои Ғафуров А.М. – ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Файзуллоева Г.Қ.

20 ноябри соли 2026.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, х. Рудакӣ, 33.